# Такриз

**ба фишурдаи диссертатсияи Азизова Зарина дар мавзуи "Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Зарбулмасал чун намунаи барҷастаи санъати сухан гуфтори нотикро пуртаъсир ва матни асари бадей, инчунин осори аҳли каламро ҷаззоб мегардонад, аз ин рӯ, дар гуфтугӯ ва адабиёти бадеӣ васеъ истифода мешавад.

Диссертатсияи илмии Азизова Зарина ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносӣ, яъне ба таҳлили муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст.

Мақсади таҳқиқот таҳлили муқоисавии сохтори грамматикии зарбулмасал ва мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати морфологию синтаксисӣ ва муайян намудани изоморфизм ва алломорфизм дар онҳо мебошад. Барои расидан ба мақсади мазкур муаллиф вазифаҳои муҳимми илмиро ба тартиби зайл анҷом додааст: омӯзиш, таҳлил ва баррасии маводи назариявӣ оид ба зарбулмасалҳо ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ, муайян намудани сохтори морфологии зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ, муайян намудани сохтори синтаксисии зарбулмасалу мақолҳои ҳар ду забони муқоисашаванда, дарёфт намудани ҷиҳатҳои монандӣ ва тафрикавӣ дар онҳо, баровардани хулосаҳои амиқи илмӣ дар асоси маводҳои тадқиқшуда.

Навгонии илмии таҳқиқот қобили таъкиди махсус аст ва он қабл аз ҳама дар он дида мешавад, ки дар он бори аввал сохтори грамматикӣ – морфологӣ ва синтаксисии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди муқоиса қарор гирифта, хусусиятҳои фарқкунанда ва шабеҳи онҳо нишон дода шудаанд. Ҳамзамон, бори аввал дар такя бо сарчашмаҳои илмӣ зарбулмасалҳо ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи этимологӣ таҳлил шуда, сохтори таърихии грамматикии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва ошкор гардид, ки дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳои забонҳои мавриди

мукоиса хиссаҳои номустакили нутк, аз ҷумла пайвандакҳо, пешояндҳо, хиссачаҳо хеле кам дида мешаванд.

Диссертатсия таҳти унвони "Мукоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасалу маколҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ба рамзи ихтисоси тасдикнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D.KOA-036 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур аз рӯйхати ихтисораҳо, мукаддима, се боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, 160 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои методологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, объект ва манбаъҳои таҳқиқот, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия "Зарбулмасалу мақолҳо – объекти таҳқиқоти лингвистӣ" унвон гирифта, дар он масоили назариявӣ ва методологӣ баён гардидаанд, ки дар раванди таҳқиқот онҳоро муҳаққиқ ба асос гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони "Сохтори морфологии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ном дошта, сохтори морфологии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва истифодаи ҳиссаҳои нутк дар онҳо инъикос ёфтааст.

Боби сеюми диссертатсия ҳамчун "Сохтори синтаксисии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" номгузорӣ шуда, дар он намуди ҷумлаҳои сода ва мураккаб дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои мавриди муқоиса таҳлил гаштааст.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ бардошти худро хеле муфассалу дақик ва равшану возеҳ ироа намудааст.

Ҳамин тарик, автореферати Азизова Зарина дар мавзуи "Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" бо забони хуби илмӣ таълиф шудааст.

Автореферати диссертатсия ва 11 мақолаи диссертант, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд. Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Азизова Зарина дар мавзуи "Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси ихтисос 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор аст.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, муаллими
калони кафедраи забонҳои хориҷии
Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд **Қаюмов Ашӯр Абдуқодирович**

**Суроға:**
735699, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, н. Б. Ғафуров,
ҷамоати ба номи Ҳ. Усмонов,
кӯчаи Ҷ. Илёсов-56.
Тел: (992)92-715-50-57, (992) 918-57-50-57.
E-mail: kayumov_68@mail.ru

Имзои номзади илмҳои филологӣ, муаллими
калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи
иктисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд А.А. Қаюмовро
Тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишкадаи
иктисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд

**Маҳмудов Шаҳзод Усмонҷонович**

"27" декабри 2023

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
хиёбони И. Сомонӣ-169, www.iet.tj,
E-mail: info@iet.tj, тел: 83422 6-03-21